Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

26 июни соли 2002. Чоршанбе № 48 (12791)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.30 имзо гардид.

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

## Дар бораи вазири вазъияти фавқулоддаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон таъин кардани Б.Р.Парпиев

Ботир Раҳматович ПАРПИЕВ вазири вазъияти фавқулоддаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд, 24 июни соли 2002.

## Самараи баланд асоси фаъолият гардад

*Дар Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон маҷлиси муштараки Кенгаши ҷумҳурии маънавиёт ва маърифат, Кенгаш оид ба мутобиқсозии корҳои тарғиботии маърифиву мафкуравӣ ба амал омад.*

Дар маҷлис рафти иҷрои Барномаи «Соҳаи маънавиёт», ки замима ба Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи тадбирҳо оиди амалӣ гардондани барномаи озодкунӣ ва амиқгардонии ислоҳот дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавии ҷамъият, таъмини амнияти мамлакат» ба ҳисоб меравад, мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар ин бора котиби масъули Кенгаши ҷумҳурии маънавиёт ва маърифат А.Болиев иттилоъ дода, Мушовири давлатии Президент Т.Рисқиев фикру мулоҳизаҳои хешро баён намуд.

Зикр ёфт, ки дар нимаи якуми соли кунун бисёр масъалаҳо аз рӯи барномаи мазкур ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Минҷумла, дар вазоратҳо, консернҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо, дар шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо семинарҳои доимоамалкунанда таҳти унвони «Ғояи миллии истиқлол:назария ва амалия» ташкил гардида, як қатор китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, рисолаҳои илмӣ ва илмиву оммавӣ, плакатҳо оид ба мавзӯъҳои маънавиёт, маърифиву мафкуравӣ рӯи чопро дидаанд. Дар Фарғона бозиҳои варзишии муҳассилини мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ таҳти унвони «Умид ниҳоллари», дар Бухоро—Универсиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ бомуваффақият гузаштанд.

Ҳамчунин дар соҳаи мазкур мавҷуд будани камбудиҳо махсус ба забон гирифта шуд. Минҷумла муаммоҳое мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки бо иҷрои барнома дар соҳаи маънавиёт алоқаманд ҳастанд.

Тадбирҳо оид ба барҳам задани ин камбудиву хатоиҳо андешида шуданд. Аз он ҷумла, суст будани фаъолияти баъзе ташкилоту муассисаҳое ба забон гирифта шуд, ки амалӣ гардондани барномаи мазкур ба зиммаи онҳо гузошта шудааст.

Дар бораи ба вуҷуд овардани механизми ба тадриси фани «Ғояи миллии истиқлол: мафҳумҳо ва тамоилҳои асосӣ» фикру мулоҳизаҳо баён гаштанд. Минҷумла, зикр гардид, ки дар матбуот, радиову телевизион, алалхусус мақолаҳои илмӣ дар бобати равшан кардани ғояи миллии истиқлол ба камбудиҳо роҳ медиҳанд. Баъзан ба ҷои мафҳуми ғояи миллии истиқлол мафкураи миллиро истифода мебаранд, ки хатои дағал мебошад. Чунки дар Қонуни Асосии мамлакати мо иншо гардидааст, ки дар Ўзбекистон барои бартарият пайдо кардани ягон мафкура роҳ гузошта намешавад. Аз ин рӯ ғояи миллии истиқлол ин мафкураи миллӣ нест ва дар ин бобат аҳамияти калон бояд дод.

Ҷашни 11-солагии истиқлолият торафт наздик мегардад ва алҳол тайёрӣ ба он авҷ гирифтааст. Аз ин рӯ қарор дода шуд, ки озмун бахшида ба ин санаи фархунда эълон карда шавад, ки ташаббускори он Президенти мамлакатамон Ислом Каримов мебошад. Мақсад аз ин озмун ошкор сохтан, ҷонибдорӣ намудан ва рағбатноксозии асарҳои илмӣ ва илмиву оммавии аз ҳама ҷиддиву боиси диққату эътибор, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, баромадҳо дар матбуот, радиову телевизион аст, ки мазмуну моҳияти рисолаи «Ғояи миллии истиқлол:мафҳумҳо ва тамоилҳои асосӣ»-ро тарғибу ташвиқ мекунанд.

Дар маҷлиси муштарак фаъолияти Кенгаши ҷумҳурият оид ба мутобиқсозии корҳои тарғиботии маърифиву мафкуравии вилояти Қашқадарё, ҳамчунин фаъолияти Иттиҳоди оҳангсозон, Иттиҳоди нависандагон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин бора котиби масъули Кенгаши ҷумҳурият оид ба мувофиқгардонии корҳои тарғиботии маърифиву мафкуравӣ Р. Қӯчқоров, сардари маркази «Маънавиёт ва маърифат»-и вилояти Қашқадарё М.Раҷабов, ҷонишини аввали вазири фарҳанги ҷумҳурият Б.Қурбонов, раиси Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон, шоири мардумӣ, Қаҳрамони Ўзбекистон А.Орифов иттилоъ доданд.

Зикр гардид, ки дар ин бобат корҳои муайяне ба иҷро расидаанд. Аммо камбудиҳо ҳам ҷой доранд. Минҷумла, баъзе сарварони ташкилотҳо бисёр будани корро баҳона карда, ба масъалаи маънавиёт ва маърифат диққату эътибори зарурӣ намедиҳанд. Дар бобати рӯшан кардани масъалаҳои маънавиёт ва маърифат аз имкониятҳои воситаҳои ахбори оммавӣ босамар истифода бурда намешавад.

Нависандагон дар давраи ҳисоботӣ беш аз даҳ роман, даҳ қисса, даҳ асари драмавӣ навиштаанд. Фаъолияти онҳо ба талаби замон созгорӣ пайдо мекунад. Аммо дар воситаҳои ахбори оммавӣ рӯшан кардани ин фаъолият суст аст.

Дар бобати Иттиҳоди оҳангсозон ҳам ин суханонро такрор кардан мумкин аст. Оҳангсозон мебояд ба офариниши асарҳои замонавии хусусияти миллӣ дошта бештар диққату эътибор диҳанд. Алалхусус, оҳангсозони ҷавон мебояд ҳаматарафа ҷонибдорӣ карда шаванд.

Зикр ёфт, ки корҳои тарғиботии маърифиву мафкуравӣ ва фаъолияти иттиҳодҳои эҷодиро мебояд ба дараҷаи нав баланд бардошт.

Дар айни замон таъкид гардид, ки ташкили таҳсил дар мавзӯи «Технологияи тарғиб ва ташвиқ» ба мақсади баланд бардоштани малакаи кормандони масъули воситаҳои ахбори оммавии ҷумҳурият, ба ин кор васеъ ҷалб кардани мутахассисони номдори мамлакат натиҷаҳои хуб, самараи баландро мебахшад.

Дар маҷлиси муштарак ҳамчунин рафти иҷрои қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи забони давлатӣ» ва «Дар бораи ҷорӣ кардани алифбои ўзбекӣ, ки асосашро ҳуруфи лотинӣ ташкил медиҳад» дар вилояти Сирдарё ва низоми Кумитаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Зикр ёфт, ки дар ин бобат корҳои муайяне ба иҷро расонда шудаанд. Ба татбиқи нуктаҳои қонунҳои мазкур диққату эътибори калон дода мешавад. Аммо дар ин бобат, камбудиҳо мавҷуданд. Аз он ҷумла, дар раёсати меҳиқтисодиёт ва омори вилоят дар бобати татбиқи қонунҳои мазкур ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ гузошта шудааст, ба омӯзиши одамон дар курсҳои махсус диққату эътибор он қадар баланд нест.

Иштирокдорони маҷлиси муштарак ҳамчунин масъалаҳои ба тартиб андохтани номгузории воҳидҳои маъмуриву ҳудудӣ, қарияҳои аҳолинишин, ташкилотҳо ва дигар объектҳои топонимро дар Ҷумҳурияти Ўзбекистон баррасӣ карда, иттилоотро дар бораи фаъолияти Кумитаи ҷумҳурии истилоҳотшиносӣ шуниданд.

Дар маҷлис ҳамчунин масъалаи абадӣ гардондани хотиравӯ номи одамоне, ки ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангии мамлакатамон саҳми калон гузаоштаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз он ҷумла, таклиф дар бораи ба яке аз кӯчаҳои шаҳри Тошканд гузоштани номи Шоири мардумии Ўзбекистон Муҳаммад Юсуф, ҳамчунин ба мактаб дар ноҳияи Марҳамати вилояти Андиҷон, ки ӯ таҳсил намудааст ва кӯчае, ки вай зиндагӣ карда, ба камол расидааст, якдилона пазируфта шуд.

Маҷлиси муштарак қарорҳои дахлдорро аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида қабул кард.

**Т.ЭҲСОН.**

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой



Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов 21 июн дар қароргоҳи Оқсарой сарвари миссияи Бунёди байналхалқии асъор (ББА) оид ба Ўзбекистон Эрик Де Врайерро пазируфт.

Сарвари давлатамон меҳмонро самимона хайра мақдам гуфта, зикр намуд, ки имконияти мусоид барои муҳокимаи масъалаҳои рушди ҳамкорӣ байни Ўзбекистон ва ББА фароҳам омадааст.

Охири соли гузашта байни Ўзбекистон ва Бунёди байналхалқии асъор Меморандум дар бораи ҳамкорӣ ба имзо расид. Дар доираи ҳуҷҷати мазкур мониторинги барномаҳое таҳия гардид, ки дар худ тадбирҳоеро таҷассум кардаанд, ки то 1 июли соли ҷорӣ бояд амалӣ гарданд. Бояд қайд намуд, ки Ўзбекистон тамоми бандҳои ин барномаро иҷро кард.

Меҳмон иброз дошт, ки вай ба натиҷаҳои иҷрои барномаи мониторинг дар мамлакатамон ошно гардид. Бунёди байналхалқии асъор аз корҳое, ки дар Ўзбекистоң ба иҷро расонда шуданд, мамнун аст ва ба Президент барои пазироии гарму ҷӯшон миннатдорӣ баён намуд.

Ҳангоми сӯҳбат масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкорӣ байни Ўзбекистон ва ББА ва вусъати иштироки бунёд дар ба мамлакати мо ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**(ЎзА).**

## Хирмани бошукӯҳи фарғонагиён

Ғаллакорони вилояти Фарғона аз ҳар яки 103 ҳазор гектар ба ҳисоби миёна 45 сентнерӣ ғалла бардошта, фармоиши давлатии ғаллатайёркуниро барзиёд ба иҷро расонданд. Онҳо беш аз 350 ҳазор тонна ғалла бардошта, 280 ҳазор тоннаи онро ба давлат фурӯхтанд.

Дар таъмини ин ғалаба саҳми ғаллакорони ноҳияи Олтиариқ махсусан калон аст. Баҳодурони саҳрои ноҳияи мазкур чор сол паи ҳам пешсафиро дар ин бобат аз даст намедиҳанд. Онҳо то ҳоли ҳозир қариб сӣ ҳазор тонна ғалла ҷамъ овардаанд. Ғаллакорони ноҳияи Тошлоқ ба хирмани вилоят бо 14 ҳазор тоннаи худ саҳм гузоштанд. Баробари ин ғаллакорони ноҳияҳои Бешариқ, Бувайда, Қува, Ўзбекистон, Учқудуқ, Риштон, Ёзёвон, хоҷагиҳое, ки дар тасарруфи шаҳрҳои Фарғонаву Қувасой мебошанд, нақшаҳои пешбинигардидаро сарбаландона ба иҷро расонданд.

Омили асосии комёбиҳо ислоҳоте мебошад, ки дар соҳаи кишоварзии вилоят ҷомаи амал мепӯшанд. Аз он ҷумла, вусъат ёфтани ҳаракати фермерӣ самараи хуби худро мебахшад. Дар бобати тайёркунии ғалладона ҳам саҳми хоҷагиҳои фермерӣ ва фермерон калон гардид. Махсусан саҳми фермерони ноҳияи Ёзёвонро алоҳида зикр кардан лозим меояд.

Дар ноҳияи мазкур тамоми хоҷагиҳои ҷамоавиву ширкатӣ ба хоҷагиҳои фермерӣ табдил ёфтаанд. Ва он сараввал боиси бартараф гардидани қафомонии чандинсола гардид.

Дар вилоят маъракаи ғалладаравӣ босуръат идомаи худро дорад. Баробари ин дар майдонҳое, ки аз ҳосили ғалладона холӣ шудаанд, бо суръати баланд зироати мобайнӣ кишт карда мешавад.

**(Мухбири худамон).**



## Пешсафии пудратчӣ

Дар шафати шаҳри Фарғона хоҷагии ширкатии «Сабзавоткор» фаъолият пеш мебарад. Аз номаш маълум аст, ки аҳли меҳнати он бо чӣ машғул мегарданд. Вале дар ин ҷо ба парвариши ғалладона низ шуғл меварзанд.

Дар шӯъбаи «Ҷӯидам» ба 390 гектар ғалладона поширда буданд. Парвариши тамоми зироати кишоварзӣ, аз он ҷумла гандум ба зиммаи 303 нафар иҷоракорон гузошта шудааст.

Аз он ҷумла, пудратчӣ Салима Шокирова дар дуним гектар ғалла рӯёнда, аз ҳар гектари он ба ҷои 45 сентнери нақша 65 сентнерӣ ҳосил бардошта, ӯҳдадории шартномавии ба давлат фурӯхтани ғалларо барзиёд иҷро намуд.

Алҳол дар саҳроҳо ҳосил фаровон аст ва ғаллаи боқимондаро ба иҷрокорон ба сифати кӯмаки моддӣ медиҳанд.

**Дар сурат:** пудратчӣ **Салима Шокирова** дар саҳро.

**Матн ва сурати Муқимҷон ҚОДИРОВ. (ЎзА).**

## Муҳокимаи масъалаҳои умда

Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов ба қарибӣ ба Фармон «Дар бораи рушди минбаъдаи бо компутерфарогирӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» имзо гузошт.

Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур Кенгаши мутобиқгари вазифаҳои рушди бо компутерфарогирӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҷумҳуриятамон созмон ёфт.

Дар Маҷмӯи девони Вазирон оид ба масъалаҳои алоқа ва технологияҳои иттилоотиву телекоммуникатсионӣ маҷлиси аввали Кенгаши мазкур ба амал омад. Дар он корҳои ба иҷрорасида ва вазифаҳои навбатии умда мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Маҷлис таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазир, сардиректори Оҷонсӣ оид ба алоқа ва бо иттилоотфарогирии Ўзбекистон, раиси Кенгаш А.Орипов гузашт.

Дар маҷлис сухан дар бораи вазифаҳои умдаи рушди бо компутерфарогирӣ ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ҳамчунин татбиқи низомҳои замонавии онҳо рафт. Ба масъалаҳои фароҳам овардани шароит оиди васеъ истифода бурдани тамоми табақаҳои аҳолӣ аз компутерҳои замонавӣ ва низоми иттилоотӣ, тайёркунии кадрҳои баландмалака барои соҳаи истеҳсоли техникаи компутерӣ ва телекоммуникатсионӣ диққату эътибори махсус нигаронда шуд.

**(ЎзА).**

## Байрақи Универсиада дар Самарқанд

Универсиадаи анъанавӣ дар байни муҳассилини донишкадаҳои таълими олӣ ҳар бор ба иди ҳақиқии варзишӣ ва ҷавонӣ мубаддал мегардад. Ба он мисоли равшан шуда бозиҳои Универсиадае хизмат мекунанд, ки ба қарибӣ дар Бухоро анҷоми худро ёфтанд. «Универсиада»-и навбатӣ бошад, соли 2004 дар шаҳри бостонии Самарқанд ба амал меояд.

Ба ҳамин муносибат дар ҳокимияти вилояти Самарқанд маросими мутантани супурдани байрақи Универсиада ба амал омад. Байрақро ҳокими вилояти Самарқанд Ш.Мирзиёев ва ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Р.Холмуродов қабул карданд.

Донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ ба бозиҳои ояндаи варзишӣ аз ҳоло тайёриро авҷ гирондаанд. Ва он бешак, ба амиқан ҷорӣ гардидани тарзи солими ҳаёт дар байни донишҷӯён мусоидат мекунад. Дар тӯли ду сол тайёрии ҳамаҷониба ба ин тадбир сурат гирифта, варзишгоҳҳои замонавӣ ва иншоотҳои сершумори варзишӣ қад мекашанд, бо миқёси калон корҳои ободонӣ ба иҷро мерасанд.

Дар маросими супурдани байрақи Универсиада ба шаҳри Самарқанд вазири маълумоти оливу миёнаи махсуси Ҷумҳурияти Ўзбекистон С.Ғуломов ҳузур дошт.

## Конфронси илмиву амалӣ

Дар Навоӣ конфронси илмиву амалӣ таҳти унвони «Озодкунии ҷазодиҳии ҷиноӣ: муаммоҳо ва пешомадҳо» ба амал омада, дар кори он кормандони мақомоти ҳифзи қонуну тартибот, муфаттишон ва аъзоёни ҳайати адвокатҳо иштирок намуданд.

Дар конфронс беш аз даҳ маърӯза оиди ислоҳоте, ки дар мамлакат оиди озодкунии қонунгузории ҷиноӣ амалӣ гардонда мешаванд, дар бораи нақши мақомоти ҳифзи қонуну тартибот дар раванди мазкур, усулияти адолат дар Кодекси ҷиноӣ ва тадбирҳои ҷазо шунида шуданд.

Дар тадбир ҷонишини раиси Кумитаи Олий маҷлис оид ба қонунбарорӣ ва масъалаҳои судиву ҳуқуқӣ А.Тӯхташев, раиси Суди ҳарбии Ҷумҳурияти Ўзбекистон Т.Мирзоев, ҷонишини вазири адлияи ҷумҳурият Б.Мустафоев, ҳуқуқшиносон-амалиётчиён ва олимони номдор сухаронӣ карданд.

Дар конфронс оиди муаммоҳои амалӣ мубодилаи афкор ба амал омада, ба саволҳо ҷавоб доданд.

Дар тадбир ҳокими вилояти Навоӣ Б.Рӯзиев иштирок намуд.

## Талаб қатъист

Маҷлиси навбатии Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба мутобиқсозии фаъолияти корхонаҳо ба сармояҳои хориҷӣ дар минтақаҳои ҷумҳурият ба амал омада, таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон, раиси гурӯҳи корӣ Р.Азимов гузашт.

Зикр ёфт, ки аз 81 корхона бо сармояҳои хориҷӣ, ки мебояд соли 2002 ба кор дароянд, то 1 июн 29 ададро ташкил дод. Моҳҳои июн--сентябр боз 35 корхона ба фаъолият шурӯъ мекунад.

Мувофиқи барномаи амалиёти тасдиқгардида ба ноҳияҳое диққату эътибори махсус нигаронда шуд, ки фаъолият оид ба созмон додани корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ суст мебошад. Ба ҳамин муносибат ҳисоботи ҳокимони ноҳияҳои Шуманаю Бӯзатови Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ба муаммоҳои мавҷуда нигоҳ накарда, корҳои муайянеро ба иҷро расонданд, корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ созмон ёфтаанд.

Дар айни замон фаъолияти ҳокими ноҳияи Нурободи вилояти Самарқанд И.Азимов ва ҳокими ноҳияи Томдии вилояти Навоӣ А.Назаров, ки дар ин вазифа беш аз шаш сол боз кор мекунанду дар ин муддат созмон додани ягон корхонаи муштаракро бо сармояи хориҷӣ дар ноҳияи сарварикардаашон таъмин накардаанд, ғайриқаноатбахш ҳисобида шуд.

Маълумоти ҳокимони ноҳияҳои мазкур дар ин бобат ба назари эътибор гирифта шуд, ки ҳоли ҳозир масъалаи мазкур бо сармоягузории хориҷӣ ҳаллу фасли худро меёбад ва аз 1 сентябр ин корхонаҳо ба кор шурӯъ мекунанд.

Ба мақсади рағбатноксозии ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ дар бобати созмон додани истеҳсолоти ба содирот рӯоваранда дар минтақаҳои ҷумҳурият ба аъзоёни Гурӯҳи кории байниидоравие, ки ба минтақаҳо вобаста карда шудаанд, сарварони гурӯҳҳои кории минтақавӣ супурда шуд, ки аз рӯи натиҷаҳои корҳои таҳлилӣ амалӣ гардондани тадбирҳоро оид ба интихоби шарикони хориҷӣ суръатро баланд бардошта, таклифҳоро оид ба созмон додани корхонаҳои нав бо сармояҳои хориҷӣ пешкаш кунанд.

Аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул шуданд.

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ САФИРИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУХТОРИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ҶУМҲУРИЯТИ ЛАТВИЯ ТАЪИН КАРДАНИ Қ.С.НАЗАРОВ

**Қобилҷон Саматович Назаров** Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар Ҷумҳурияти Латвия таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд, 21 июни соли 2002.

## Марҳалаи муҳими хусусигардонӣ

Дар марҳалае, ки дар саросари ҷумҳурӣ хусусигардонии моликияти давлатӣ ҷараён гирифтааст, аз ҷиҳати назарӣ ва таҳлилӣ таъмин намудани ҷалб сохтани сармоя ба ин соҳа аҳамияти калон дорад.

Дар Маркази биржаи ҷумҳурӣ ба ин муносибат конфронси илмию амалии ҷумҳурӣ дар мавзӯи «Ҷалб намудани сармояи хориҷӣ дар ҷараёни хусусигардонии объектҳои хусусии давлатӣ» ба амал омад, ки дар он таҳлилгарони хориҷӣ низ ақидаҳои худро дар бобати ҷараён ва мамониату масъалаҳои зинаҳои хусусигардонии моликият ва корхонаву муассисоти муқарраротaш гуногун баён карданд.

Бо тағир ёфтан ва гузашти давр баъзе аз низому қоидаҳои соҳа низ вобаста ба вазъияти дохиливу хориҷӣ таҳриру тасҳеҳ мегардад. Аз ин боис бо муфид гардидани хусусигардонии моликияти давлатӣ сармоядорони хориҷӣ низ ба ин объекту корхонаҷот таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд.

Онҳое, ки ба ин анҷуман аз хориҷи кишвар омадаанд, бевосита дар амал барои хусусигардонии мулкҳо ва ба он ҷалб намудани сармоягузорони хориҷӣ машғуланд. Дар конфронс доир ба роҳҳои ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ва хусусигардонии моликият тавсияҳо таҳия гардиданд.

**Т.ИКРОМОВ.**

## Ду қаҳрамон, соҳибони майдон ва ...




Мусобиқоти ҳабдаҳуми ҷаҳон аз рӯи футбол ба натиҷаҳои ғайриоддии худ фарқ карда меистад. Дар майдонҳои Куриёи Ҷанубӣ ва Ҷопон натиҷаҳое ба даст меоянд, ки онро ба ҷумлаи ҳангомаҳо шомил гардондан мумкин аст. Масалан, ғалабаи тимҳои Куриёро бар тими Итолиё, Сенегалро бар Шветсия.

Мусобиқаҳо дар чорякфинал ҳам аз ҳангома иборат гардид. Зеро тимҳои Олмон бо ИМА, Бразилия бо Англия, Сенегал бо Туркия, Испониё бо Куриё вохӯрданд. Дар ин ҳарбу зарб ғалаба насиби тимҳои Бразилия, Олмон, Куриё ва Туркия гардиданд ва 25 июн дар Сеул тимҳои Олмон ва Куриё, соати 16.30 бар вақти Тошканд бо ҳам вохӯрданд, 26 июн тимҳои Бразилия ва Туркия дар Ҷопон соати 16.30 бо ҳам вомехӯранд.

Пеш аз он ки дар бораи иштирокдори мусобиқаҳои нимфиналӣ ҳарф занем, лозим меояд оиди ҳарбу зарбҳои чорякфинал мухтасар фикру мулоҳизаҳои худро баён кунем. Ва ин мусобиқаҳо бо вохӯрии тимҳои Бразилия ва Англия — қаҳрамонҳои ҷаҳон оғоз ёфта, бо ҳисоби 2:1 ба фоидаи намояндагони қитъаи Амрико анҷом ёфт. Ба тӯби Овен Ривалдо ва Роналдино ҷавоб гардонда, тими Бразилияро ба нимфинал баровარданд. Бояд таъкид кард, ки дар ин ҳарбу зарб тиме, ки ҳатти аз ҳама беҳтарини ҳимояро молик аст, ба тиме вохӯрд, ки ҳатти ҳуҷумаш дар ҷаҳон аз ҳама пурқувват ба ҳисоб меравад ва маҳз ҳамин хат ғалабаи Бразилияро таъмин кард, ки дар ин бобат хизматҳои Роналдо, Эдилсон, Денилсон, Роберто Карлос махсусан калон аст. Инглисҳо хуб ҳунарнамоӣ карданд. Вале дар дақиқаҳои ҳалкунанда онҳо ба саросемагӣ роҳ гузошта, ҳуҷуми худро то ба охир расонда натавонистанд. Махсусан онҳо ба тактикаи тӯбронии бразилиягиён, ки дар аксар вақти қисми дуюми мусобиқа даҳ нафар баромад карданд, бозии худро пешкаш карда натавонистанд ва аз ҳамин сабаб мусобиқаро бармаҳал тарк карданд. Ва ин бозии тимҳоро бе ягон муҳобот бозии финалӣ ҳам номидан мумкин буд. Аммо омад ба бразилиягиён даст доду онҳо акнун бо тими Туркия, ки дар оғози мусобиқаҳо дар як гурӯҳ баромад карда, бо ҳисоби 2:1 ғолиб омада буданд, дар нимфинал рӯ ба рӯ мегарданд.

Дар бораи «мошинаи немис» ҳоҷат ба ҳарф задан нест. Ва ин «мошин» тимро то ба нимфинал овард. Аммо бояд гуфт, ки ҳангоми вохӯрӣ бо тими ИМА «мошини немис» тамоми имкониятҳои худро намоиш дода натавонист ва аз ин рӯ ба ҳисоби 1:0 ғолиб омада, акнун бо соҳибони майдон—тими Куриёи Ҷанубӣ рӯ ба рӯ мегардад ва бар олмониҳо ин мусобиқа ба осонӣ нахоҳад гузашт. Чунки футболбозони Куриё тимҳои машҳур, аз қабили Португалия, Итолиё ва Испониёро мағлуб сохта, то ба нимфинал расида омад. Ба онҳо бешак дастгирии мухлисони сершумор, мусоидии обу ҳаво ва баробари ин ҳамчун бозингари дувоздаҳум хизмат расондани маъвои маҳбуб кӯмаки калон хоҳад расонд. Охир дар тӯли тамоми вақти асосии мусобиқа ва вақти иловагии он испониён ҳарчанд болодастӣ карда бошанд ҳам, ба дарвозаи куриёгиён тӯб даровaрда натавонистанд ва тақдири роҳхатро ба нимфинал задани силсилаи тӯбҳои ёздаҳметра ҳал намуд. Куриёгиён бо ҳисоби 5:3 ғолиб омада, акнун дар шаҳри Сеул—пойтахти мамлакаташон футболбозони Олмонро қабул мекунанд.

Вохӯрии байни тимҳои Туркия ва Сенегал, ки «муаллифи» бисёр ҳангомаҳо дар мусобиқоти кунунии ҷаҳон мебошад, низ пуршиддат гузашта, дар вақти асосии мусобиқа ғолибро муайян карда натавонист ва дар вақти иловагӣ ба туркҳо насиб гардид, ки «тӯби тиллоӣ»-ро ба дарвозаи ҳариф даровaрда, бо ҳамин ба нимфинал роҳхат гиранд. Тими Туркия бо чор карат қаҳрамони ҷаҳон—Бразилия рӯ ба рӯ мегардад ва ҳарбу зарби аз ҳама шиддатнок хоҳад гардид. Чунки дар мусобиқаи гурӯҳӣ бо «саховати» довар, яъне тӯби ёздаҳметраи беасос додаи ӯ бразилиягиён бо ҳисоби 2:1 ғолиб омада буданду баъдтар ду бозии дигарро ҳам бурд карда, ҷои аввалро ишғол намуданд. Туркҳо, чуноне ки аз хабару мақолаҳои сершумори воситаҳои ахбори оммавӣ маълум мегардад, аз паи «ислоҳ» намудани хатои худ дар ҳарбу зарби аввали худ дар ин мусобиқоти ҷаҳон мебошанд.

Агар таркиби тимҳоро дар мусобиқаи нимфиналӣ таҳлил намоем, дар он сурат маълум мегардад, ки дар байни онҳо ду тим—қаҳрамони ҷаҳон мебошад. Ду тим намояндаи қитъаи Аврупо, якtoгӣ намояндагони қитъаҳои Амрико ва Осиё мебошанд. Яъне маълум мегардад, ки тимҳои аврупоӣ чун се мусобиқаи охирини ҷаҳон пурқувват будани худро намоиш медиҳанд. Аз байни чор тими беҳтарини ҷаҳон ҷо пайдо кардани Куриёи Ҷанубӣ муваффақияти ниҳоят калон аст. Чунки дар таърихи футболи ҷаҳон ҳанӯз ба нимфинал роҳхат гирифтани намояндаи қитъаи Осиё рух надодааст ва ин қуллаи баландро бори аввал соҳибони майдон—футболбозони Куриёи Ҷанубӣ фатҳ намуданд. Дар сафи чор тими беҳтарини ҷаҳон будани футболбозони Туркия ҳам барои ин мамлакат бурди калон ба ҳисоб меравад.

Агар акнун дар бобати пешгӯиҳо сухан ронданӣ шавем, пеш аз ҳама ҳисобу китоби компутериро нишон додан лозим меояд, ки ба қарибӣ эълон карданд. Мувофиқи он дар финал тимҳои Бразилия ва Куриё бо ҳам вомехӯранд. Ва дар ин бобат 60 фоиз будани тахминҳо эълон гардидааст. 20 фоизи тахминҳо дар финал бо ҳам вохӯрдани тимҳои Туркия ва Куриё, даҳ фоиз бошад, Бразилия — Олмон ва Олмон — Туркияро муайян кардаанд.

Хотиррасон мекунем, ки мусобиқаҳо барои ҷои сеюм 29 июн соати 16.00 дар шаҳри Тагуи Куриё, 30 июн бошад, финал соати 16.00 дар шаҳри Йокогамаи Ҷопон ба амал омада, қаҳрамони аввалини ҷаҳонро дар садаи нав муайян мекунад.

**(Хабарнигори мо).**

# 27 июн – Рӯзи коркунони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ

# Минбари миллионҳо

## Ба хотири ҳифзи манфиатҳои халқ ва ҷамъият

Дар бораи коркунони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ ҳарф зада, мо пеш аз ҳама дар пеши назар одамонеро меоварем, ки дар соҳаи худ қатъиву собитанду дар дохили воқеаҳо мудом мегарданд ва дар вазъияти дилхоҳ маҳорати касбӣ ва мавқеи шаҳрвандии худро ба хотири ҳифзи манфиатҳои халқ ва ҷамъият зоҳир менамоянд. Вақте ки матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ мегӯем, пеши назари ҳамагон кормандони меҳнатдӯсту хоксор, ноширон ва хизматчиёни соҳаи матбаа ва воситаҳои замонавии иттилооте ҷилвагар мегарданд, ки меҳнати онҳоро на ҳамагон тасаввур карда метавонанд.

Ва мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов ҳар сол 27 июн ҳамчун Рӯзи кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавии Ӯзбекистон таҷлил меёбад ва он бесабаб нест.

Маълум аст, ки дар оғози садаи гузашта, яъне садаи ХХ дар ҳудуди мамлакатамон як қатор нашрияҳо рӯи чопро медиданду бисёрии онҳо аз доираи тарғибу ташвиқи сиёсати ҳукумати Русияи подшоҳӣ берун намебаромаданд. Ва аз ин вазъ як қатор зиёиёни номдори кишвар норозӣ шуда, қарор доданд ба чопи нашрияи худ шурӯъ кунанд. Ҳамин тавр, таҳти сарпарастии Исмоил Обидӣ ба чопи нашрияи нав таҳти унвони «Тараққӣ» шурӯъ намуданд. Ва ин рӯзнома соли 1906 аз рӯи тақвими кӯҳна 14 июн, аз рӯи тақвими нав бошад, 27 июн рӯи чопро дид. Аз ҳамин сабаб мо баъди ба даст омадани истиқлолияти Ӯзбекистон ҳар сол 27 июнро ҳамчун Рӯзи коркунони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавии Ӯзбекистон мутантан таҷлил менамоем. Бояд зикр намуд, ғояҳое, ки рӯзномаи мазкур дар садаи гузашта ба миён гузошта буд, бо ғояҳои истиқлоле созгорӣ пайдо карда буд, ки ҳоли ҳозир мо барои ба рӯи об баровардани он дар тамоми соҳаҳо мекӯшем. Яъне кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ, чун тамоми меҳнаткашони ҷумҳурият аз паи орзуву мақсад саъю кӯшиши ягона доранд: ин сохтмони давлати демократии ҳуқуқбунёд, ҷамъияти шаҳрвандиест, ки ҳаёти озодонаву шукуфонро ба халқамон кафолат медиҳаду ҳуқуқҳои инсонро арзиши устуворона меҳисобад. Ва дар саҳифаҳои матбуот, тавассути шабакаҳои радиову телевизион аҳли ҷамъияти мо аз воқеаву ҳодисаҳои нав ба нави ҳаёти мамлакатамон, хориҷ бохабар мегардем ва онро ҳамчун манбаи боэътимод қабул мекунем. Ва он бесабаб нест. Дар садаи ХХ1, ки садаи илму техника эълом гардидааст, нақши воситаҳои ахбори оммавӣ дар бобати мубодилаи иттилоот калон аст. Чунки он маҳз манбаи муҳими мубодилаи иттилоот, паҳн кардани хабарҳо ва баланд гардидани шуурнокии сиёсиву ҳуқуқии аҳолӣ гардидааст.

Албатта, фатҳи қуллаҳо ба осонӣ даст намедиҳад. Монеаву душвориҳо ба амал меоянд. Ва сохтмони ҳаёти нав пеш аз ҳама ҳаллу фасли муаммоҳои мураккаб, бартараф сохтани иллатҳои режими кӯҳнаро талаб мекунад ва он ба зиммаи паёмнигорон масъулияти ҷиддиро мегузорад. Аз он ҷумла, ҳифзи манфиатҳои одамон, тантанаи адолат, мубориза ба муқобили иллатҳои зараровар, аз қабили нопокӣ, бюрократизм, маҳалгарой ва ғайра бояд вазифаи авваліндараҷаи паёмнигорон гардад.

Барои амалӣ гардондани ин мақсадҳо паёмнигор пеш аз ҳама бояд тахассуси-дониши амиқ, таҷрибаи калон дошта бошад. Баробари ин оҷилият, сари вақтӣ ва ташаббускорӣ низ талаб карда мешавад. Агар ҳамин тавр накунад, паёмнигор аз ҳаёт қафо мемонад, дар ҳалқаи «муаммоҳои хурд» давр мезанад. Ҳамагон хуб медонанд, ки ин «муаммоҳои хурд» баробари ҳаллу фасли «муаммоҳои калон» худ аз худ аз байн мераванд. Аз ин рӯ, ба миён гузоштани «муаммоҳои калон»-и ҷамъияту халқ пеш аз ҳама барои пешрафту тараққиёт хизмат мекунаду онро сараввал паёмнигорон ба миён мегузоранд.

Нони паёмнигор ба осонӣ ба даст намеояд. Аз ҳамин сабаб баъзан аз забони ҳамкасбон бештар суханони «муаммоҳо бисёр,ташвишу изтироб бисёр»-ро мешунавем. Охир, ҳаллу фасли ин муаммоҳо, нишон додани роҳу равиши амалан ба иҷро расондани онҳо «нон»-и паёмнигорро ташкил медиҳад ва азбаски ана ҳамин муаммоҳо ҳастанд паёмнигор ҳам арзи ҳастӣ мекунад, ҳамчун шахси баобрӯи ҷамъият ба забон гирифта мешавад. Ва ин тақдир аст. Касе, ки ана ҳамин душвориву меҳнати зиёдеро ба зимма гирифта метавонад, паёмнигори ҳақиқӣ шуда метавонад. Агар ин муаммоҳо ҳаллу фасли худро ёбанд, дар он сурат боиси шодмонии паёмнигорон гардиданаш чӣ бахти бузургест.

Дида тавонистани муаммоҳои калон барои паёмнигор на танҳо вазифаи касбӣ, балки қарзи шаҳрвандӣ бояд гардад. Ва дар он сурат комёбиҳои калон, дастовардҳои бузург ҳамроҳи доимии ҷамъиятамон гардида, дар бобати боз ҳам баланд шудани сатҳи зиндагонии халқамон омили муҳиме мегардад. Паёмнигор ба гуфти сарвари давлатамон «ҳеҷ гоҳ набояд ба ғараз, хафагӣ, қасосгирӣ роҳ гузорад. Ва он ба корамон халал мерасонад. Ва дар ин роҳ хислати ба халқамон хос—сабру таҳаммулро набояд фаромӯш кард».

Ва агар бигӯем, ки матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ ба таври ҳақиқӣ болу пари тараққиёт гардидаанд, ягон муболиғае намебуд. Чунки қонуну қарорҳое, ки қабул мегарданд, навгонӣ, сохтмони иншоот ва ғайра сараввал тавассути воситаҳои ахбори оммавӣ чопу пахш карда мешаванд. Хизматҳои матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ дар бобати ба рӯи об баровардани дигаргуниҳои мусбии ҷамъият, дар роҳи сохтани ҷамъияти нави шаҳрвандӣ ниҳоят калон аст, ки онро ҳамагон эътироф мекунанд. Ва инро аз эътирофи сарвари давлатамон Ислом Каримов ҳам пай бурдан мумкин аст. Чунончӣ сарвари давлатамон дар матни муборакбодиашон ба кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ соли гузашта чунин баён кардаанд: «Имрӯзҳо, вақте ки натиҷаҳои роҳи даҳсолаи рушди мустақилонаи мамлакатамон, марҳилаҳои сохтмони ҳаёти нав, комёбиҳои марраҳои навро ҷамъбаст менамоем, дар он сурат бигӯем, ки дар комёбиҳое, ки ватанамон ба даст овардааст, дар бобати дар ҳаётамон амалӣ гардондани дигаргунсозиҳое, ки боиси фахру ғурури мо гардидаанд, хизмати шумоён, паёмнигорони фидокоре низ мебошад, ягон муболиға намебуд».

Оре, хизмати паёмнигоронро эътироф кардан лозим аст. Онҳо одамоне ҳастанд, ки дар сафи аввалинҳо мераванд, аз ҳад зиёд зирак ҳастанд, даъваткунандаи халқамон ва ҷамъиятамон ба ҳушёрӣ, огоҳсозанда ва эҳтиёткунанда аз ҳар гуна хавфу хатарҳо мебошанд. Онҳо одамони баркамол, ҷасур ва фидокоранд, бо тамоми қалб комёбиву пешравиҳоро ҳис мекунанд, масъулиятро дар роҳи ислоҳот, навсозӣ, роҳи шуурнокии миллӣ дарк мекунанд, фаъолон дар ҳаллу фасли масъалаҳо ва муаммоҳои мураккаб мебошанд, чашмкушои халқ, паҳнкунандаи нури маърифату зиё бар омма мебошанд.

Ва маҳз онҳо ба иди касбии худ низ бо комёбиҳои калон омадаанд. Аввало, матбуоти ҷумҳуриятамон ҷиҳати рангорангӣ пайдо намудааст. Яъне баробари нашрияҳои ҳукуматӣ воситаҳои ахбори оммавии соҳавӣ, ҷамоатӣ, хусусӣ, саҳҳомӣ арзи ҳастӣ мекунанд. Миқдори рӯзномаву маҷаллаҳо, шабакаи радиову телевизион, нашрияҳо пайваста меафзоянд, теъдоди муштариёни онҳо низ ба оҳистагӣ зиёд мегарданд. Воситаҳои ахбори оммавӣ рӯҳу шакли ба худ хосро пайдо мекунанд. Талаби асосӣ ба матбуот ва расонаҳои ахбори оммавӣ наздик гардидан ба андозаҳои ҷаҳонӣ иҷрои худро пайдо мекунад. Дар саҳифаҳои матбуот ва гуфтору барномаҳои радиову телевизион маводҳоеро мехонем, мешунавем ва тамошо мекунем, ки ба соҳаҳои мухталиф дахл мекунанд, муаммоҳоро ҷасурона ба миён гузошта, роҳҳои ҳаллу фасли онҳо маънидоди худро пайдо кардаанд. Яъне, матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ алҳол ба минбари озодона баён кардани афкори ҷамъият, халқ мубаддал гардидааст, барои ҳифзи манфиатҳои халқ ва ҷамъиятамон гомҳои дилпуронаро мегузорад.

Фардо барои тамоми кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ, инчунин тамоми халқамон ид аст. Ба фидоиёни ин ҷода—ҳамкасбон, ба шумоён, муштариён, ки мудом кормандони воситаҳои ахбори оммавиро ҷонибдорӣ мекунед, дар ин рӯзи нек тинҷиву осоиштагӣ, бахту саодат, дар меҳнати пуршарафу душворатон комёбиҳо, дар ҳаётатон омад талабида мегӯем: Идатон муборак шавад! Охир ин иди ҳамагон аст. Зеро матбуот минбари озодонаи халқ аст.

**Э. ТУРДИҚУЛОВ,**
**Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**



## Оинаи ҳаёти ноҳия

***Рӯзномаи ноҳиявии «Сариосиё ҳақиқати» дар байни рӯзномаҳои ноҳиявии вилояти Сурхондарё дар қатори аввалинҳо таъсис ёфта, роҳи пуршараферо тай намудааст. Ҳоло дар ноҳия барои васеъ таҷлил намудани 70-солагии он омодагӣ мебинанд. Ба ҳамин муносибат матни мусоҳибаро бо сармуҳаррири рӯзнома Сафаралӣ Эшмирзоев меорем.***

**— Лутфан, дар хусуси роҳи тай намудаи рӯзномаи «Сариосиё ҳақиқатӣ» чанд сухан мегуфтед.**

— Нашри рӯзнома соли 1932 оғоз ёфтааст. Аввалин муҳаррир Музаффар Маҳмудхонов ном дошт. Он вақт барои рӯзнома дар клуби шаҳрчаи Сариосиё як хонаро ҷудо мекунанд. Муҳаррир бо ҳамроҳии котиби масъул Қодир Шоимов маводи шумораи аввалро тайёр карда, дар чопхонаи Деҳнав чоп мекунанд. Ҳамин тавр, рӯзнома бо 1000 нусха ба нашр оғоз менамояд. Баъд Ғуломҷон Асалов, Аҳмадҷон Тиллоев, Носир Рамазонов, Аминҷон Шарифов, солҳои охир бошад, Нусратулло Шоймардонов, Нарзулло Холиқов муҳаррирӣ намудаанд.

Бо мурури замон чопхонаи ноҳия низ бо асбобу ускунаҳои мусоид таъмин шуд. Қувваи таъсири рӯзнома зиёд гашта, ба нашрияи писандидаи мардум табдил ёфт. Малакаи кадрҳо ҳам афзуд.

**— Бигӯед, ки имрӯз мақоми рӯзнома дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию мадании ноҳия дар чӣ поя аст?**

— Дуруст аст, ки рӯзномаи «СХ» ҳамчун рӯзномаи иҷтимой- сиёсии ноҳия фаъолият дорад ва дар дараҷаи аввал ба ҳамин ҷиҳати масъала диққат медиҳем. Яъне, масоили некӯаҳволии халқ, тарғиб ва ташвиқи қарору фармоишҳои ҳукумат ва ҳамапурсиҳои умумихалқӣ, таҳлили корбарии фермерҳо, ҳолати китобхонаҳо барин масъалаҳо дар саҳифаҳои рӯзнома мавқеи аввалдараҷа доранд.

Обрӯи рӯзнома ҳам худ аз худ ба даст намеояд. Барои ин ҳар як корманди рӯзнома масъулияти худро дар назди ҷамъият ҳис намуда, қадам мепартояд. Чунончи, мавзӯъҳои ҳалталаб ва фош намудану ҷалб сохтани диққати ҳамагон ба он вазифаи мост. Масалан, баъд аз чопи мақолаи танқидии «Оё талаба ба дарс ба ҷои китоб ҳезум мебарад?» диққати мутасаддиёни шӯъбаи таълими халқи ноҳия ба мактаби воқеъ дар деҳаи Боғи Самарқанд ҷалб шуд. Ё худ баъд аз чопи мақолаи танқидии «Дар Сари Ҷӯй телефон нест!» дар саҳифаи тоҷикии рӯзнома мутасаддиёни ин соҳа ба рафъи камбудиҳо пардохтанд.

**— Бо сабабҳои иқтисодӣ бархе аз рӯзномаҳо ба «ҳоли бӯҳрон» гирифтор шудаанд. Ба хусус, дар масъалаи ташкили обуна душворӣ мекашанд. Дар обунаи рӯзнома чӣ тадбирҳо меандешед?**

— Ҳамасола дар рӯзнома бо фарорасии мавсими обуна ҳар як корманди мо қатъй назар аз вазифаи худ дар муддати се моҳ пурра бо ин масъала машғул мешавад. Аввалан, маводи долузарб, ки ба дарди хонанда мехӯрад, бештар чоп мешавад. Ҳар як корманди мо бошад, бештар бо муштариён воҳӯрда, ҳатто дар коргоҳи онҳо машғули кор шуда, муаммоҳои дардноки онҳоро ошкор сохта барои ҳал намудани онҳо мекӯшанд. Дуруст аст, ки дар ноҳия камбудиҳо зиёданд. 65 фоиди деҳот дар манотиқи кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ҷойгиранд. Ҳар кадоми онҳо бошад, муаммоҳои худро доранд. Таъмини қувваи барқ, газ, оби тоза пурра ҳал нашудааст. Барои ҳалли чунин муаммоҳо диққати ҳама, ба хусус роҳбаронро ҷалб мекунем. Барои афкори онҳоро ба ҳалли он тайёр намудан ҳаракат мекунем.

Модоме, ки маводи чопшуда ба дарди мардум мехӯрад, ҳар шумораи он аз даст ба даст мегузарад ва муштариёни асил маҳз ба чунин рӯзномаҳо обуна мешаванд. На ин ки ба рӯзномаҳое, ки бо латифаю кроссворд ва тасвири ҷанҷолҳои оилавӣ диққати ҳамаро ҷалб кардан мехоҳанд.

Як камбудии ҷиддӣ дар чопи рӯзнома ин набудани дастгоҳи офсетии чоп буд, ки он ҳам бо кӯшишҳои роҳбари чопхона Олтинбой Тағоев омода гардид. Чопи хушсифат ва замонавии рӯзнома низ ба роҳ монда шуд.

**— Чӣ хеле ки дар боло қайд намудед, кадрҳои болаёқати журналистӣ низ ошкор мегарданд ва дар рӯзнома ба ин масъала чӣ гуна аҳамият дода мешавад?**

— Ин масъала низ аз оғози ташкилёбии рӯзнома дорои аҳамияти калон мебошад. Имрӯз низ бисёр журналистони шинохтаро метавон ном бурд, ки фаъолияти хешро маҳз дар «СХ» оғоз намудаанд. Алҳол бошад, онҳо дар ҷабҳаҳои гуногун хизмати халқро сарбаландона адо менамоянд. Аз он ҷумла, шоир, муаллифи даҳҳо маҷмӯаҳо Сироҷиддин Саидов, мутарҷими машҳур, нависанда Мирзо Кенҷабек, нависанда Тӯлқин Ҳайитов, ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» Асадулло Шукуров ва дигарон аз дастпарварони рӯзнома мебошанд. Имрӯз низ дар интишори хуби рӯзнома кормандони он котиби масъул Нарзулло Холиқов (26 сол собиқаи корӣ дорад), Анвар Муродов мудири шӯъба, Фозил Шукуров — масъули саҳифаи тоҷикӣ, Матлуба Турдиева — мусаҳҳеҳ, Ғайрат Тағоев- мухбир,Аҳадулло Самадов-сармусоҳиб ифои вазифа доранд.

**Сӯҳбаторо Ф. ШУКУРЗОДА.**



Меҳнати кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавии Ӯзбекистон аз тарафи роҳбарияти ҷумҳурият муносиб тақдир карда мешавад. Ба паёмнигорон барои меҳнати зарбдоронаашон унвонҳои шоиста дода шуда, бо ордену медалҳои ҳукуматӣ ва ифтихорномаҳо тақдир мегарданд. Кормандони «Овози тоҷик» ҳам бо ин ғамхорӣ пайваста фаро гирифта мешаванд. Аз он ҷумла, мухбири рӯзномаамон Каримҷон Муҳиддинов соли гузашта мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов бо медали «Шӯҳрат» мукофотонида шуда, ин мукофотро ба вай ҳокими вилояти Фарғона, вакили халқи Олий Маҷлис Алишер Отабоев супурда буд.

**Дар сурат:** ҳангоми супурдани мукофот ба **Каримҷон МУҲИДДИНОВ.**

**Аксбардор: Ш. ҚОРАБОЕВ.**

## Супурдани мукофотҳо

Дар Маркази миллии матбуоти Ӯзбекистон маросими мукофотонидани ғолибони озмуни «Наврӯз-боқий байрам-2002» ба амал омад, ки онро Бунёди демократиконӣ ва ҷонибдории матбуоти ҷумҳурият эълон карда буд.

Асарҳое, ки ба озмуни бунёд пешкаш гардида буданд, аз рӯи чанд самт омӯхта шуданд.

Ҷамоаи эҷодии рӯзномаи «Қишлоқ ҳаёти» «Таҳририяти аз ҳама беҳтарин» дар бобати рӯшан кардани иди мардумии Наврӯз дониста шуд. Аз рӯи номинатсияҳои «Мақолаи аз ҳама беҳтарин» ғолибон мухбири рӯзномаи «Халқ сӯзи» Г.Йӯлдошева, «Барномаи аз ҳама беҳтарин» муаллифи барномаи «Бир ўлкаки...»-и шабакаи телевизиони «Ёшлар» Ф.Бобоҷонов, «Барои акси беҳтарин» бошад, аксбардор Н.Муҳаммадҷонов, «Барои гуфтори аз ҳама беҳтарин» корманди радио Ф.Абдураҳмонов дониста шуданд.

Ба ғолибон мукофотҳои қиматбаҳо супурданд.

**(Хабарнигори мо).**

## Дар хидмати ду халқ

Аз Раҳимҷон Қодиров — хабарнигори радиои ҷумҳурӣ дар вилояти Навой, ки гоҳ бо тоҷикӣ ҳарф мезад, гоҳ бо ӯзбекӣ, пурсидам:

— Бубахшед, шумо тоҷикед ё ӯзбек?

Лабханде карда, вай аз волидони хеш гуфт:

— Падар ӯзбек, модар тоҷик...

Дар воқеъ, ин тоифа бисёранд ва ба ҳарду халқ як хел меҳр доранд, ҳардуро азиз мешуморанд.

Раҳимҷон Қодиров соли 1950 дар шаҳри Нурато таваллуд ёфтааст. Соли 1968 ба риштаи журналистикаи Донишгоҳи пойтахт ворид гашта, онро соли 1976 хатм кард. Дар байн хидмати аскарӣ низ ба ҷо овард.

Ҷангноманависӣ дар дилаш ошён гузошту ба равшан кардани роҳи ҷангӣ ва рӯзгори пурошӯби тоҷикону ӯзбеконе, ки дар набардгоҳҳо ҷонбозиҳо кардаанд, шурӯъ намуд. Борҳо ба мавзеъҳое, ки солҳои ноороми чилуяк — чилупанҷуми қарни сипарӣ хатти фронт буданд, сафар кард, аз бисёр диёр ва мазорҳое дидан намуд, ки ҳамватанони ҷавонмардаш бо амри бемаҳали қисмат он ҷо ба хоби абад рафтаанд. Назди хотираи онҳо сари таъзим фуруд овард ва саъй намуд чун рӯзноманигор пораҳое аз корномаи ҷанде аз онҳоро қаламӣ созад.

Солҳои 1989-1990 азими Маскав шуд. Дар шаҳри Подолск, ки дар он бойгонии вазорати дифоъ воқест, чанд муддат машғули ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳои муҳим шуда ва то андозае комёб ҳам гашта, якчанд мақолаҳо таълиф намуд. Маҷмӯаҳояш «Худашон кӣ мешаванд?» ва «Дар ҷустуҷӯи қаҳрамон» низ самараи ҳамин гуна сафарҳои эҷодист.

Вақте Раҳимҷон дарак ёфт, ки ман ҳамдиёри қаҳрамони номӣ Тешабой Одилов ҳастам, гӯё бо нигоҳи дигар сӯям нигарист:

— Ҳамон Тешабой Одилови машҳур?

— Бале. Ҳамон қаҳрамоне, ки қаҳрамони шеъру достонҳои адибони тоҷик гаштааст.

— Нафақат адибони тоҷик, адибони халқҳои дигар низ дар бораи ӯ бисёр навиштаанд,—гуфт Раҳимҷонака ва бо ҳисси ифтихор илова намуд:

— Ман дар Сӯх шуда ба ҳамсӯҳбати бобои Тешабой муяссар гаштаам. Раҳматӣ, аҷаб марди наҷиб ва хоксору сӯҳбаторо буданд.

— Достонзеб, ки буданд,— гуфтам ман, — дар васфашон достонҳо низ навишта шудаанд. «Қасами Тешабой»-и Мирсаид Миршакар, хоссатан, муассир баромадааст.

**(Давомаш дар саҳифаи 4.)**

*Собиқадорони мо*

## Садоқат ба касб

Кори аз ҳама хубу савобро дар ниҳолшинонӣ медонанд. Ҳатто дар ин бобат нақле ҳам ҳаст: агар қиёмат қоим шавад ҳам, сараввал кӯчату ниҳоли дар дастат бударо кор ва шинон! Шабоҳатро бинед, ки Рӯзиматбобо Даминов қадами аввалини худро ба ҳаёти мустақил маҳз бо кӯчатшинонӣ гузоштааст.

Дар Тошканд маҷлиси фаъолони ҷавонони ҷумҳурият шуда мегузашт. Дар минбар Йўлдош Охунбобоев оиди вазифаҳои рӯзмарраи ҷавонон маърӯза мекард. Йўлдошбобо суханронии худро ба анҷом расонда, ба маҷлисгоҳ назар афканд ва ба нишастагон муроҷиат намуд:

—Шаҳри Чирчиқро бунёд карданием. Ва он ба зиммаи шумоён, ҷавонон, меафтад. Хӯш, дар байнатон шермардон ҳастанд, ки ба ин сохтмони зарбдор саҳм гузоранд?

Маҷлисгоҳро хомӯшӣ фаро гирифта буд.

— Наход ихтиёриён набошанд,—аз нав рӯ овард Йўлдош Охунбобоев.

— Ман меравам,— садо шунида шуд аз маҷлисгоҳ.

Нигоҳи ҳамагон ба ҷавони қоматбаланди вуҷудаш аз шуҷоат саршор дӯхта шуд.

— Қандатонро занед, писарам!— овози сарвари ҷумҳурият шунида шуд.

Баъди ин нисфи ҳозирбудагон аз ҷо бархоста, ба сохтмони зарбдор худро нависонданд. Ва ҷавононе, ки аввалин шуда ба суханони Йўлдош Охунбобоев ҳамовоз гардид, Рӯзимат Даминов буд.

Вақте ки ба бинои нахустини шаҳри навбунёд хишти аввалро гузоштанӣ буданд, боз ба ин ҷо Йўлдош Охунбобоев омаду Рӯзимат Даминов боз ба чашми сарвари ҷумҳурият бархӯрд ва ба наздаш хонда, аз ҳолу аҳволаш пурсон шуд.

**(Давомаш дар саҳифаи 4.)**

## Табассум

### «Далели ҷоннок»

Муҳаррир мухбири ҷавонро ба утоқаш даъват карда ба командировка рафтанашро гуфта таъкид намуд,ки бе далели ҷоннок барнагардад.

Хоҷагие ки мухбир сафари онро дорад, серсоҳа буда , бо дасти хушк барнагаштанашро ҳам илова намуд муҳаррир.

— Супоришатонро аз будаш зиёда карда ба ҷо меоварам, — ҷавоб дод мухбири ҷавон бо қатъият.

Баъди ба хоҷагӣ омадан, котиби ҷамоаро, ки тамоми ҳуҷҷату далелҳо одатан дар дасти ӯ мебошад, ба гап гирифт. Хуллас, коре карда ӯро ба идораи рӯзнома омадан розӣ намуд. Мухбир «шикораш» — котиби хоҷагиро ба утоқи муҳаррир даровардa: бо мағрурии ғайриоддӣ муаррифӣ кард:

— Устод, супоришатон иҷро шуд, далели ҷоннок рӯ ба рӯи шумо, интизори фармоишатон гуфт котиба хоҷагиро нишон дода...

### «Дӯппиро гиред»

Сармуҳаррир ҳангоми саҳифахонӣ мусаҳҳеҳро даъват карда, «шанка»-ро ,ки бо ҳарфҳои калон навишта шуда буд, нишон дода: «ба котиби масъул гӯед, шапкаро иваз кунад» гуфт.

Мусаҳҳеҳ зуд ба утоқи котиби масъул даромада: устод, сармуҳаррир тайин карданд, ки шумо шапкаатонро иваз мекардаед гуфту илова намуд: барои ин заҳмат накашед, шапкаатонро ба ман диҳеду дӯппии маро пӯшед, олам гулистон, — бо табассум гуфт мусаҳҳеҳ

### «Маълумот»

Корманди рӯзнома оҷилан ба хоҷагӣ занг зад. Гӯшаки телефонро котибадухтар, ки ба қарибӣ ба кор омада буд, бардошт.

— Ман котиба, гӯшам ба шумо.

— Бароям оиди рафти кишту кори баҳорӣ баъзе маълумотҳоро мегуфтед шунида шуд аз гӯшак.

— Узр, ман динаякак ба кор омадам,алҳол аз чизе хабар надорам, — гуфт котиба бо овози маҳин.

— Афсӯс, дар Шумо набудани маълумот бароямон гарон меафтад,— шунид котиба аз гӯшаки телефон.

— Чаро ин тавр мегӯед, ҳушатон дар ҷояш не магар? — Охир мар дирӯз донишгоҳро хатм карда, соҳиби диплом гаштам. Ба шумо боз чӣ хел маълумот даркор гуфта котиба гӯшаки телефонро бо ҷахл ба ҷояш гузошт.

### «Материали муҳим»

Рӯзноманигори нав хонадор шуда баъди навбатдорӣ ба хона нисфи шаб даромада омад.

Завҷааш ӯро бо суханони «одами чилланок то нисфи шаб дар кӯчаҳо гаштаед, аз ҳоло ҳамин тавр бошад...» пешвоз гирифт.

— Материали муҳимро интизор шуда дер мондам...

— Баҳонаро бинед, ҳамон материали сабилмондаро шабона нею рӯзона аз дӯконҳо пайдо кунед намешавад!! Дар ин ҳол аз ғами то нисфи шаб дар ҷустуҷӯи материали муҳим гаштану халалдор кардани мардум халос мехӯрдед, гуфт наварӯс гиламез.

### «Ҳаққи қалам»

— Аз ҳаққи қалами индафъаина як зиёфат қарздоред, — гуфт котиби масъул ба мухбири рӯзнома бо шӯхӣ, — Ин тавр бошад ҳаққи қаламро 4-5 баробар зиёд мемонед— гуфт мухбир.

— Чаро!?

— Зероки ман материалро бо қалами оддӣ не, балки бо қалами 4-5 рангаи хориҷа, дар коғози муқаррарӣ не дар варақҳои дафтари ҷавҳар ва ниҳоят дар хона ё идора не, дар меҳмонхонаи панҷситорадор, дар шароите ки ҳама чиз муҳайёсту гаронаст менависам, гуфт дар ҷавоб мухбир.

**Абдул Салом МУҲАММАД.**

✵ Ўзбекистон — кишвари варзишгарон ✵

# Муносиб тақдир гардиданд

Акнун магистри факултаи менеҷменти Донишгоҳи давлатии аграрии Тошканд Саида Искандарова ба машғулиятҳо ва машқҳо ҳеҷ гоҳ дер нахоҳад монд. Барои комёбиҳои калонаш дар «Универсиада-2002», ки соҳиби ду медали тиллои он аз рӯи шиноварӣ гардид, аз номи ҳокимияти вилояти Тошканд ба ӯ калиди мошини сабукрави «Тико» супурда шуд.

Шиновар будани Саидаро ба назар гирифта, ба ӯ мошини гулобирангро тӯҳфа карданд. Се карат қаҳрамони Осиё, иштирокдори мусобиқоти ҷаҳон ва бозиҳои олимпӣ дар шаҳри Сидней, устоди тоифаи байналхалқии варзиш Саида Искандарова ниҳоят хоксор буда, ҳамеша лабонаш моили ханда мебошад. Дар байни ҳамсолон ва омӯзгорон обрӯву эътибори калонро молик аст, орзуяш менеҷмент шудан мебошад.

Дар маросими мутантан баробари Саида дигар варзишгарон-донишҷӯёнро ҳам бо тӯҳфаҳои қиматбаҳо тақдир намуданд. Дар мусобиқаҳои варзишии Бухоро тими Донишгоҳи давлатии аграрии Тошканд натиҷаи баландро ба даст овард. Онҳо соҳиби 19 медал шуданд, ки аз он ҳафтояшро тилло ташкил медиҳад.

Аз ин мебарояд, ки дар донишгоҳи мазкур на танҳо мутахассисони баландмалакаро барои бисёр соҳаҳои хоҷагии халқ, балки пасояндагони ҳамаҷониба баркамолро ба воя мерасонанд.

**Дар сурат: Саида** бо мошини сабукрави худ.

**Матн ва сурати Рустам ШАГАЕВ (ЎзА).**



# Маоши варзишгарони қадима

Устоди Донишгоҳи Калифорния Дэвид Янг доимо аз паи ҷустуҷӯҳои ғайриоддист. Вай ба пажӯҳиши тозае даст зад, ки қабл аз ӯ мутахассисе ба он рӯ наовардааст. Ва ӯ комёб гардид. Ӯ ба сарчашмаҳои зиёди таърихӣ даст зада, варақҳои сершумори маводҳои кӯҳнаро муоина карда донист, ки варзишгарони қадима ба кадом миқдор дастмузд мегирифтаанд. Ба гуфти ӯ, аз рӯи маълумотҳои таърихӣ маълум мегардад, ки «ситораҳои варзиш»-и Руми бостонӣ соле ба ҳисоби миёна ба андозаи муодили 170000 доллари ИМА маош мегирифтаанд.

# Мувофиқи фармоиш

Хабар дар бобати бо фармоиши ҷуфтон-занон ба дунё овардани фарзанди кару гунг тамоми дунёро ба ларза овард. Он нишон дод, ки ба сари инсоният боз як муаммо омадааст.

Сухан дар ин ҷо дар ҳамин бобат меравад, ки ҷуфтҳо-занон, ки худ кару гунг буданд, ҳаракат кардан тамоми имкониятҳоро истифода баранд, то ки фарзандашон ҳам кӯру гунг ба дунё оянд. Ному номи авлодии онҳо Шэрон Дёшено ва Кэнди Мак Каллаф буд, саравввал бо бонки спертамаҳо муроҷиат карданд. Азбаски таклифашон дар ин бобат рад карда шуд, ки онҳо ба дӯстонашон муроҷиат карда, ҳафт пушти карҳогунгҳоро варақгардон карданд. Алқисса, онҳо ба мақсади худ расиданд.

Ба ҳамагон аён аст, ки алҳол дар хусуси аз «пробиркаҳо» ба дунё овардани фарзандон дар ҷаҳон то чӣ андоза баҳсу мунозира ва муқовимат давом дорад. Зеро ононе, ки соҳиби сар-

аммо минбаъд чӣ гуна муқовимат нишон доданашро вақт нишон медиҳад.

# Ҷарима барои бӯсаситонӣ

Ҳар як қавму миллат ва халқ қонуну қавоид ва урфу одатҳои ба худ хосеро дорад. Қонуни Шӯрои мунисипали шаҳри Каула-Лампур-пойтахти Малайзия бӯсаситонӣ ва дигар ҳаракатҳои ноҷӯяро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, алалхусус дар боғҳои истироҳат, масканҳои таълиму тарбия, хӯроки умумӣ, тарабхонаҳо, китобхонаҳо ва ғайра қатъан манъ кардааст. Агар мабодо ин воқеа рух диҳад, дар он сурат ҷаримаи ниҳоят калон ситонда мешавад. Дар мамлакати мазкур барои намоиши филмҳои фаҳш ҷазои аз ҳама сахт муқаррар гардидааст.

# Мошинҳо ба ронандагони бемаҳорат

Барои ронандагони ҳаваскор, аниқтараш барои ронандагоне, ки маҳораташон он қадар баланд нест, автомобилҳои тағмаи Ниссан бароварда шуд. Автомобил бо маҷмӯи иттилоотӣ дар хусуси ронанда, мошина ва вазъияти роҳ ҷиҳозонида шудааст. Ниссан аз чанд компутери мураккаб иборат аст. Якеи он ба ронанда имконият медиҳад, ки вазъиятро дар ду канори роҳ муоина карда равад. Ду видеокамераи хурд дар бампери мошин гузошта шудааст. Ҳар як камера ба мониторинге, ки дар рӯ ба рӯи ронанда гузошта шудааст, манзараи атрофро намоиш медиҳад. Агар мабодо ҳолати сар задани садама аён гардад, ҳатман чароғи сурх дар мегираду

пеши роҳи нохуширо мегирад.

# Турфа олам

вати калонанд, дар ҳар маврид метавонанд соҳиби писар ва ё духтар шаванд. Вале то ҳол ягон кас ба гӯшаи хаёл наоварда буд, ки модарони кару гунг ва нобино мехоҳанд, ки чун худашон фарзандон ба дунё оянд. Ва ба дунё овардани фарзанди кару гунг акнун боиси баҳсу мунозираи доманадор гардида, ҳатто парлумонҳои баъзе мамлакатҳо дар ин бобат қабул кардани қонуни қатъиро оиди манъ кардани ин ҷараёнҳо ба миён мегузоранд. Ва он бесабаб нест. Ба сари инсоният боз як офат меояд.

Чунки ба саволи атрофиён: «барои ба дунё овардани чунин фарзанд шуморо чӣ маҷбур кард», онҳо ин тавр ҷавоб гардонданд, ки онро на ҳар кас ҳазм карда метавонад. Онҳо гуфтаанд: мо кару гунгии худро ягон нуқси ҷисмониамон не, балки қисми ҷудонопазири ҳаёти маънавии худ мепиндорем ва инро ба фарзандонамон ҳам муносиб медонем». Ва ин суханони ҷуфти занони кару гунг тамоми Амрикоро ба ларза овард.

Онҳо ин суханонро баён карда, гуфтанд, ки мехоҳанд фарзандонашон аз бисёр ҷиҳат ба онҳо монанд гардаду онҳо ҳам мисоли модарашон вазифаи худро ба ҷо оварданд. Яъне онҳо ҳам барои ба дунё овардани фарзандони кару гунги хеш кӯшанд ва дигаронро ҳам ба он водор созанд. Ва ин амалиёт ба нуктаҳои қонунҳои Амрико дар бобати солим ба дунё овардани фарзанд мухолиф мебошад. Аммо модарони »хушбахт» нуктаҳои онро ҳатто шунидан намехоҳанд.

Тараққиёти дилхоҳ охиру оқибат ба таназзул рӯ меоварад гуфтан суханони файласуфони машҳур шояд дар мисоли ана ҳамин воқеа исботи худро ёфта бошад. Инсоният ба ин му-

Чунин низом алҳол аз бисёр мошинҳо ҷо пайдо мекунад. Ба он боз як навгониро ҳамроҳ кардаанд, ки он тормози ба таври автоматӣ мебошад. Агар мабодо масофаи автомобилҳои пасу пеш раванда халалдор гардад, тормоз худ аз худ автомобилро нигоҳ медорад.

# Ҳазлу мутоиба асрори мустаҳкамии оила

Тадқиқотҳои илмӣ дар Олмон, ки дар байни занон гузаронда шуд, ба мустаҳкамиву пойдории оила бахшида шуд. Маълум гардид, ки дар ин бобат нақши мардон калон будааст. Занони олмонӣ мардонеро бештар дӯст медоштаанд, ки ҳазлу мутоибаро хуш карда, ба он қатъан риоя мекардаанд. «Барои сарвари идеалӣ будан ва мустаҳкам шудани оила мардон саравввал бояд дӯстдори ҳазлу мутоиба бошанд» ҳангоми ҳамапурсӣ ҷавоб додаанд аксар занони олмонӣ. Занони олмонӣ пойдории оиларо дар муҳаббати байни зану мард ва алалхусус дар атри хушбӯйро ба худ задани мардон ва дар бар доштани либосҳои тозаву озода мепиндоранд. Ба занони олмонӣ пеш аз ҳама мардоне мақбул аст, ки туфлиашонро бечангу ғубор нигоҳ медоранд. Яъне занони олмонӣ асоси мустаҳкамии оиларо дар мардони замонавӣ мепиндоранд.

# Садоқат ба касб

(Аввалаш дар саҳифаи 3.)

Аз деҳаи Нанайи Бӯстонлиқ будани ӯро фаҳмида, сарвари ҷумҳурият бо мамнуният сарашро ҷунбонда монд. Аз хусуси волидонаш пурсон гашт ва хабари ятим будан дар хонаи сағирон тарбия гирифтани ӯро шунида, маъюс гардид.

Яке аз атрофиён ҳазломез гуфт:

— Йӯлдошота Рӯзимат баробари ин шоир аст. Дар айни замон мақолаҳо ҳам иншо мекунад.

— Хеле хуб. Шоирӣ нозуктабъиро тақозо дорад. Истеъдоди ноёб аст. Ҳама ҳам шоир шудан намегирад. Биёед, писарам якҷоя ниҳол шинонем. Шумо чуқурӣ, ман ниҳол мешинонам,— гуфт Йӯлдош Охунбобоев.

Ба бинои нахустини шаҳр, ки дар ҷои деҳаи Қирғизқишлоқ сохта мешуд, яъне ба бинои ҳозираи техникум хишти нахустинро Йӯлдош Охунбобоев гузошт.

Рӯзимат Даминов дар сохтмони зарбдор ба сифати шогирди дуредгару хиштчин кор кард. Дар мактаби шабона таҳсилро давом дод. Донишкадаи омӯзгориро ҳам хатм намуд. Чопи мақолаҳоро дар рӯзномаву маҷаллаҳо канда намекард. Ба мухбири номдори коргарӣ мубаддал ёфт. Дере нагузашта ӯро ба сифати муҳаррири рӯзномаи шаҳрии Чирчиқ ба кор қабул карданд, фаъолияти дурударозу дар айни замон ибратбахши Рӯзимат Даминов дар соҳаи матбуот бо ҳамин васила оғоз ёфт.

Ба ин воқеаҳо ҳам ҳафтод сол шудааст. Дар бадали ин солҳо чӣ гуна тӯфонҳо рух надоданд, чӣ қадар воқеаҳои нохушу душвориҳо аз сар бадар гаштанд. Озмоишҳои сершуморе ба ӯ рӯ ба рӯ гардиданд. Вале Рӯзимат Даминов ба касби хеш садоқатмандии худро дар амал собит карда, ба ҳамаи он тоқат намуд, сабр кард. Қаламро аз даст нагузошт. Дар рӯзномаҳои шаҳри Чирчиқ, ноҳияҳои Бӯстонлиқ, Қибрай, ЎзТАГ, «Ўқитувчилар газетаси», «Ёш ленинчӣ», «Ҳақиқати Ўзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик», рӯзномаи вилоятии «Илғор Сурхон учун» фаъолият пеш бурд. Бо намояндагони забардасти журналистикаи Ўзбекистон паҳлӯ ба паҳлӯ истода, баҳри ривоҷу равнақи он саҳми муносиби худро гузошт.

Дар бадали ҳафтод соли охир баробари тағйир ёфтани дунё дар ҳаёти ӯ ҳам дигаргуниҳои куллӣ рух доданд. Нуктаи назарҳо, эътиқоду феълу атвор, тарзи зиндагонӣ тағйир ёфт. Аммо Рӯзимат Даминов аз серғайратӣ, ташаббускорӣ даст накашида, ба камол расид. Ҳарчанд аз кори бевосита аз матбуот дур шуда, расо 45 сол бо тарбияи авлоди наврас дар соҳаи таълиму тарбия машғул гардида, аълочии маорифи халқ, Омӯзгори шоистаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон шуда бошад ҳам, вале алоқаро аз воситаҳои ахбори оммавӣ наканд. Бо эҷод машғул шуд, мақолаҳои сершумор иншо кард, шеърҳои зиёдеро эҷод намуд. Ду маҷмӯаи шеърҳояш тахти унвонҳои «Ким», «Қувноқ болалар» рӯи чопро диданд.

— Мустақилият фаъолияти эҷодиамро ба куллӣ тағйир дод, — мегӯяд Рӯзиматбобо бо мамнуният. — Дар қалбам саодати истиқлол, шукӯҳи озодӣ нақши фаромӯшнопазире гузошт. Мадҳи бахту саодати Ватан, одамони меҳнатии он ба ман насиб гардид ва аз он ниҳоят мамнун ҳастам. Илҳомам ҷӯш зада, боз ба иншои шеърҳо, мақолаву публисистика шурӯъ кардам. Маҳсули эҷодам дар солҳои истиқлолият тахти унвони «Чирчиқ гуллари» рӯи чопро дид. Ва онро сарҳисоби зиндагонии 85-солаам гӯям ягон муболиғае намебуд. Боз чанд китобам тайёр. Оллоҳ умр диҳад эҷодро давом медиҳам, қаламро аз даст намегузорам, Ватани ободу озод ва одамони саховатқалби онро ҳамду сано мехонам. Озодиро тараннум менамоям.

Ҳарчанд пиронсолӣ қаймоқи умр бошад ҳам, ба Рӯзиматбобо барин аҳли эҷод мавридест, ки «ҳосилро аз ғалбер бардорад». Ба қавле, ки меҳнат ва эҷод ошён гузоштааст, пирӣ таъсир намерасондааст. Ва инро дар мисоли Рӯзиматбобо ҳам дидан мумкин аст, ки садоқатмандии худро ба матбуот ҳамоно намоиш медиҳад.

Мо мақолаи худро ба воқеаи кӯчату ниҳолшинонӣ оғоз карда будем. Рӯзиматбобо фаъолияти худро аз ҳамин кори нек оғоз намуда буд ва баъдтар ӯ дар ҳаёт ба боғбон, ба боғбони боғи эҷод мубаддал ёфт. Бисёр шогирдонро ба камол расонд, барои садоқатманд гардидани онҳо нисбати кору касбашон меҳнати зиёдеро ба харҷ дод, таҷрибаи ҳаёт омӯзонд. Пайвандон ҳам аз пайроҳаи вай қадам партофтанд. Писараш Абдукарим Даминов яке аз паёмнигорони машҳури соҳаи радиои ҷумҳурият буда, алҳол сардиректори шабакаи «Дӯстлик»-и радиои ҷумҳурист. Ҳамсари вай Светлана Даминова ҳам яке аз паёмнигорони номдори Ўзбекистон. Боз ду вакили оилаи Рӯзиматбобо Вилор ва Валерий Ниёзматовҳоро имрӯзҳо на танҳо дар Ўзбекистон, балки саросари ИДМ маълуму машҳуранд. Барои қаламкаши номдор шудани онҳо хизматҳои Рӯзиматбобо ниҳоят калон аст.

Ба роҳи ҳаётии Рӯзиматбобо ҳамагон, алалхусус ҷавонон боҳавас назар меафкананд. Садоқатмандиро нисбати касб аз ӯ меомӯзанд. Авлоди миннатдор аз чунин фидоиён ва собиқадорон мегӯянд: азбаски дар байнамон чунин фидокорон, садоқатмандон нисбати касбу кор ҳастанд, қадри касбу сухани паёмнигор ҳамеша баланд мегардад, эҳтиёҷ ба он бештар ҳис карда мешавад.

**Юсуф МИРЮСУФЗОДА,**
**ҷонишини муҳаррири рӯзномаи «Давр овози»-и ноҳияи Қибрайи вилояти Тошканд.**

# Китобҳои дарсӣ ба иҷора

Вазорати таълими халқи Ўзбекистон аз 1 сентябри соли гузашта ба таҷриба оиди татбиқи низоми иҷоравии таъмини хонандагони мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ шурӯъ намуд. Низоми мазкур дар яктогӣ мактабҳои Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд аз озмоиш гузашт. Мувофиқи он хонандагон иҷорапулиро дода, китобҳоро аз китобхонаи таълимгоҳ мегиранд ва дар охири соли таҳсил онро ба китобхона бармегардонанд.

Дар семинаре, ки дар Пажӯҳишгоҳи марказии баланд бардоштани малака ва бозомӯзии кормандони соҳаи таълими ба номи Абдулло Авлонӣ гузашту созмондиҳандаи он барои кормандони китобхонаҳои мактабҳои вилоятҳо ташкил намуданд, натиҷаҳои аввалини таҷрибаи мазкур мавриди муҳокима қарор гирифта, фикру мулоҳизаҳои хешро оид ба лоиҳаи «Такмил додани низоми чопи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои маълумоти ҳамагонии Ўзбекистон» баён сохтанд, ки аз тарафи Бонки тараққиёти Осиё ва дигар ташкилотҳо пешниҳод гардидааст.

Низоми иҷоравии фурӯши китобҳо натиҷаҳои мусбии худро бахшидааст. Аз он ҷумла, волидон барои гирифтани китобҳои дарсӣ кам маблағ сарф мекунанд. Оқибат имконияти пурра бо китобҳои дарсӣ таъмин кардани хонандагон фароҳам омад.

Онро ба назари эътибор гирифта, Вазорати таълими халқи ҷумҳурият қарор дод, ки аз соли таҳсили 2002-2003 низоми иҷоравии таъмин будани китобҳои дарсиро дар ҳамаи синфҳои кулли мактабҳое ҷорӣ мекунад, ки таҳсил ба забони ӯзбекӣ ва қароқалпоқӣ гузаронда мешавад.

**(ЎзА).**



# Соли эъзози куҳансолон

Баъди қабул гардидани Барномаи давлатии «Соли эъзози куҳансолон» ҳокимияти ноҳияи Чуст ҳам дар ин бобат қарори махсус қабул намуд. Мувофиқи он нақшаи кор таҳия гардид. Шӯъбаи таъминоти иҷтимоии ноҳия якҷоя бо шӯъбаи тандурустӣ қарори муштаракро дар бобати аз муоинаи тиббӣ гузаронидани куҳансолон қабул карданд. Ба мақсади истироҳати бофароғати куҳансолон ва мӯйсафедони якка тадбиргар Мӯйдинҷон Сироҷиддинов аз бинои чойхонаи худ хонаҳоро барои истироҳат ва мулоқоти куҳансолон ҷудо кард ва онҳо аз ин хизмат ройгон истифода мебаранд. Баробари ин дар 3 чойхонаи ноҳия ба мақсади ҷонибдории куҳансолон нону чои онҳо ройгон ташкил гардидааст. Аз он ҷумла, дар чойхонаи Сайдилло Ашӯров чунин рафтор зоҳир мегардад.

45 нафар дардманд ба муолиҷагоҳҳо бо роҳхат таъмин карда, 4 нафар бо аробачаи маълулӣ, 4 нафар бо асбоби шунавоӣ, 80 нафар бо асо сазовор гардиданд.

Ба мақсади расондани хизмати маишии имтиёзнок ба куҳансолон корхонаи адои хизмати ноҳия якҷоя бо палатаи тадбиргарон чораву тадбирҳо андешидааст. Онҳо 70 фоизи арзиши хизматро медиҳанду халос.

Боз дигар тадбирҳо ҷомаи амал пӯшонда мешаванд.

**Дар суратҳо:** 1. Чойхоначӣ **Аюбхон ҶӮРАБОЕВ** мудом дар хизмати куҳансолон аст. 2. **Ҳамидхон МАҲМУДОВ**и 89-сола бо сардори шӯъбаи таъминоти иҷтимоии ноҳияи Чуст **Нӯъмонҷон ЗОКИРОВ.**

**Матн ва суратҳои Турғунбек МАҲКАМОВ.**



# Дар хидмати ду халқ

(Аввалаш дар саҳифаи 3.)

— Диёри шумо қаҳрамонҳои достонзеби дигар низ дошт, — лаб кушод Раҳимҷонака,— зиндагӣ ва корномаи Амиралӣ Саидбеков низ ибратангез ва лоиқи ситоиш аст. Воқеан, ҳангоми сафарам ба Сӯх дар чанд хонадони ақрабоҳои Саидбеков низ буда ва бо онҳо ҳамнамак шудаам...

Пасон суол кард:

— Нахустин қаҳрамон дар Ҷанги дуввуми ҷаҳон аз Осиёи Марказӣ кист?

Ба чунин савол, ки бори аввал дучор меомадам, каме ба фикр рафтам. Ёдам омад, ки ҳанӯз соли сивунӯҳум тоҷикписар Неъмат Қаробоев дар ҷанги муқобили финҳо корнамоиҳо нишон дода буд. Ҳамон бошад?

— Бале,— гуфт Раҳимҷонака бо оҳанги тафохур, нахустқаҳрамон аз минтақа ҳамон тоҷикписар Неъмат Қаробоев аст. Вай конибодомӣ буд, Конибодоме, ки аз Сӯх чандон дур нест...

Ҳис карда мешуд, ки ҳамсуҳбатам нисбати тоҷикон меҳри беандоза дорад.

— Чаҳор фарзандам Эркину Диловар ва Воҳиду Зебуннисо, ҳарчанд бо ӯзбекӣ таҳсил гирифтаанд, бо тоҷикӣ хуб ҳарф мезананд ва фахр ҳам мекунанд, ки Рӯдакиавлоданд.

— Пайдост, ки на танҳо рӯзноманигор, нависанда ҳам ҳастед. Кадоме аз адибони тоҷик ба дили шумо наздик?

— Устод Турсунзодаву Лоиқро хуб мешинохтам. Фазлиддин Муҳаммадиев низ бароям азиз буд. Достони «Сурӯши Сталинград»-и шоири номӣ Мӯъмин Қаноатро дар ду забон — тоҷикиву русӣ хондаам ва фикр мекунам ин асар муассиртарин достони ҳамосӣ дар адабиёти муосири тоҷик аст. Нависанда ва шоир Баҳром Фирӯз, ки аз як диёрем, бароям ҳаққи устодӣ дошт. Борҳо ба суҳбати фолклоршиноси номӣ Баҳром Шермуҳаммадов муяссар шудаам. Ба ӯ батакрор изҳори сипос намудаам, ки дар китоби «Таронаҳои Самарқанд» ба фолкори тоҷикони Нурато эътибори хосса дода, беҳтарин намунаҳои эҷодиёти мардумии диёри маро манзури умум намудааст. Ашъори шоири ҷанговар Ҳабиб Юсуфиро хеле дӯст медорам. Зимнан, маро ҳунари волои равиши ҷонфидои майдони санъату фарҳанг Маҳмуди Воҳид бисёр мафтун мекард.

— Ба тарҷумаи бадеӣ низ машғул шудаед?

— Бале. Намунаҳо аз ҳикоёти Баҳром Фирӯз, Ўрун Кӯҳзод ва Баҳодури Файзуллоро ба ӯзбекӣ тарҷума кардаам.

— Дар Ўзбекистон низ адибони тоҷикзабон ҳастанд...

— Аз байни адибони тоҷикзабони кишвар шахсият ва эҷоди мардум Ҷонибеки Қувноқ бароям қарин аст. Ҳоло навиштаҳои бамағзи шоири боистеъдод Паймонро бо шавқ мехонам.

— Мебинам ва ҳис мекунам, ки ҷуз ҷангноманависӣ ба эҷоди мардумӣ низ таваҷҷӯҳ доред.

— Оре. Диққати маро салиқаи хуши гӯяндаҳои халқӣ бештар ҷалб мекунанд. Оиди «бахшӣ-шоирҳо» як силсила мақолаҳое, ки навиштаам, баҳои хуб гирифтанд ва соли 1979 барои таълифотам дар ин бахш барандаи Мукофоти журналистони Ўзбекистон гардидам.

—Ҳоло сари кадом мавзӯъ машғули эҷодед?

— Сари мавзӯи қурбониёни солҳои таъбид. Зиндагиномаи ибратбахши Абдураҳим Турдиев ва Ҳақбердӣ Тӯраев барин ҳамдиёронамро, ки баҳри озодию истиқлоли ватан ҷон нисор кардаанд, қадри ҳол ба қалам доданиам.

**М.ШОДИЕВ.**

# Дар дили мост

Хабари марги ӯ барқосо паҳн гашт. Чун ин хабари шум ба гӯшам расид, лаҳзае бехуду беёд дар сари андешаҳои мубрам банд мондам.

*Гул бирӯяд аз замин, сунбул*
*бирӯяд аз замин,*
*Ҳайфи тухми одамӣ ҳаргиз*
*нарӯяд аз замин.*

Беморони ӯро шунида будам, ният доштам ба аёдаташ равам, ҳолаш бипурсам лаҳзае ба захмҳои дилаш марҳам бахшам. Вале сад афсӯс нобасомониҳои рӯзгор, бефарқиву бепарвоиҳо ба амалӣ гаштани ин ниятам имкон надод. Ормони дидор дар қиёмат бимонд. Он рӯз аҷаб рӯзе шуд. Амри чархи гардунро бубинед, ки чанд муддат аз осмон қатрае борон начакида буд, вале имрӯз аз осмон абри найсон ба гиря оғоз намуд. Аввал симсим борид, пас аз он бо шиддат. Аз мотамхона навҳаҳо ба гӯш мерасид. Гӯё ба ин навҳаҳо гиряи абри найсон ҳамрозӣ ва ҳамдардии хеширо иброз мекард. Ин лаҳзаи аламангез дили касро ба риққат меоварду. Ашкҳои талх аз дида берун мечакид. Кас аз дасти сарнавишти талху шӯри инсон менолид. Ӯ зане буд кори сад мардро мекард. Сарнавишти ӯ, рафтори ӯ- пиндори ӯ, мардона буд. Шуҷоату мардонагии ин зани соҳибдил ҳамзамононашро дар ҳайрат гузошта буд.

Зиёда аз 40 сол дар пешравӣ ободии ноҳия ҳиссаи босазои хешро гузошт. Бо тӯю сур хурсандиву мотами мардум ҳамроҳ буд. Ӯ аз тоифаи он роҳбароне набуд, ки худро аз тӯю мотами мардум канора гиранд.

Ӯ дар суҳбатҳо такрор ба такрор таъкид мекард. Ҳар роҳбаре, ки ҳамдаму ҳамнафаси мардум нест, ӯ ҳеҷ гоҳ дар дидаи одамон ҷой нахоҳад гирифт.

Ҳамин рафтору ҳамин пиндораш ба мардум писанд буд, аз ин хотир ӯро мардум чун сарвари хеш меписанданд.

Молу дунё ҷамъ насохт, қасрҳои боҳашамат бунёд накард. Ӯ ҳамин сон ба дилу дидаи мардум хона монд.

Сад афсӯсу сад надомат, ки имрӯз баъзан одамон қадру манзалати касро аз молу дунёияш эҳтиром мекунанд,на аз маърифату ҷаҳонбинияш. Чӣ илоҷ?

Пас аз ҷаноза ҳама ба пои тобут меҷаспанд. Ҳама хомӯш, сукут меварзанд. Ҳамаро як ҳиссиёти ҳузнангезу даҳшатовар фаро мегирад. Шояд ба андеша афтода бошанд, ки чанде пас аз ин тобути ӯро ба водии хомӯшон баранду ба хок супоранду бозпас баргарданд.

Қадри якдигар намедонему аз якдигар бехабар мемонем. Ин ҳама айбро баъзан бар дӯши замона бор мекунем. Худ намедонем, ки ин ҷо замона айбе надорад. Абри найсон як маром гиря мекард. Ҳама хомӯш тобутро рӯ боло ҷониби қабристон мебурданд. Хаёлҳо, андешаҳо ба қабристон ҳамроҳи мо буд... Сабзаи наврустаро дар қабристоне дида ин лаҳза гӯё дар паси гӯшҳоям суруди Аҳмад Зоҳир садо мекард.

*Биёӣ диданам тарсам, ки он рӯз*
*Ба ғайр аз сабзае хокам набинӣ.*

Мо ба водии хомӯшон боз як инсони асил, шуҷоатноку адолатпешаро, ки ғайраташ миёни сад мардро мешикаст, Майрам Соҳибқуловаро гузоштем. Корвони хаёлҳо боз маро таъқиб мекунанд. «Майрамапа, акнун дар бари мо нест, вале дар дили мо боқист».

**Нуралии РАҶАБ,**
**мухбири худамон.**


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

***Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ўзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 543.***
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Ҳ/С 20212000800101767001,
МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **М.ОТАХОНЗОДА.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М.
ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: А. Нарзиев.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.